**Тақризи**

**беруна ба автореферати диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна таҳти унвони “Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.**

Ашур Сафар аз зумраи шуарои номовари тоҷик дар нимаи дувуми қарни гузашта маҳсуб шуда, ба тавассути ашъори гуногунжанри ғиноӣ дар адабиёти даврони шуравӣ ва навини тоҷик ҷойгоҳи хоссаву сазовореро касб кардааст. Тавон гуфт, ки ҳавзаи адабии Кӯлоб ва, умуман, Хатлонро бидуни исми Ашур Сафар тасаввур кардан муҳол аст ва дар ин муҳити фарҳангӣ мо кам шоиреро суроғ дорем, ки бо ашъори хеш битавонад ба ин суханвари шаҳир дар эҷоди шеъри ноб қуввaозмоӣ намояд.

Ашур Сафар агарчи дар эҷоди жанрҳои ғиноии суннатӣ аз худ маҳорати баланди эҷодӣ нишон додааст, ғазал ба ҳайси жанри дӯстдоштанӣ дар қиёс бо дигар жанрҳои ғиноӣ дар эҷодиёти ӯ қисмати аъзамро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин ки жанри ғазал ҳам аз нигоҳи теъдод ва ҳам аз ҳайси гуногунмавзуӣ бар кулли дигар анвои шеъри ғиноӣ дар эҷодиёти шоир бартарӣ дорад, бо таассуфи зиёд метавон ёдовар шуд, ки то кунун ғазалиёти шоир дар адабиётшиносии на даврони шуравӣ ва на муосири тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳқиқу пажуҳиши алоҳидаи монографӣ қарор нагирифтаанд. Ғазалиёти ин шоири ҳунарманд аз назари сабкиву поэтикӣ махсусиятҳои назаррас дошта, таҳқиқ дар ин самт метавонад халои мавҷударо дар ғазалшиносии солҳои 50-60-уми қарни гузашта пур намояд. Аз ин нигоҳ, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна таҳти унвони “Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар” таҳқиқоти тоза дар шинохти зиндагиномаи шоир ва ғазалиёти ӯ ба шумор меравад. Дигар ин ки таҳқиқи жанри ғиноии ғазал дар бозгӯйии эҳсосоти латиф,

сухани шевою дилнишин, муаммоҳои зиндагии шоир, масъалаҳои баҳсталаб ва бечавоби олами шеър роҳ кушода, посухи муътамаде хоҳад дод.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 185 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима чун анъана муаллиф оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ сухан дар миён гузошта, кӯшидааст, ки зарурати таҳқиқи мавзуи интихобкарда ва мубрамияти онро нишон диҳад.

Боби 1-уми диссертатсия таҳти унвони **“Ғазал ва мавқеи он дар эҷодиёти Ашур Сафар”** аз се фасл иборат буда, муаллифи диссертатсия дар фаслҳои он дар хусуси ғазалҳои мунташирнамудаи Ашур Сафар дар матбуоти даврӣ, ҷойгоҳи жанри ғазал дар эҷодиёти шоир, композитсия ва бандубасти мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар батафсил ва мудаллал андешаронӣ намудааст.

Андешаҳои муаллифи диссертатсия оид ба устухонбандӣ ва тавъамии абёти аксари ғазалиёт дар як мавзуъ қобили эътимод мебошад.

Дар боби 2-юм зери унвони **“Хусусиятҳои ғоявию мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар”** муаллифи диссертатсия бар мабнои таснифоти мавзуӣ ғазалиёти бахшидаи шоирро ба мавзуъҳои Ватан, сулҳу ваҳдат, ишқу муҳаббат, бузургдошти зан-модар, ҳаҷв ва соири мавзуот ҷудо намуда, ба риштаи таҳқиқ гирифтааст. Таъкид ба маврид аст, ки муаллиф бо мисолҳои шоҳид аз ашъори шоир андешаҳои худро тақвият дода, махсусиятҳои ҳар мавзуъро нишон додааст.

Боби 3-юми диссертатсия – **“Хусусиятҳои поэтикӣ ва сабкии ғазалиёти Ашур Сафар”** вижагиҳои сабкиву поэтикии жанри ғазалро дар эҷодиёти шоир дар бар мегирад. Дар фасли якум авзони ғазалиёти шоир

ва мавқеи радифу қофия бо далоили боварибахш мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Таҳқиқи вазн ва анвои гуногуни баҳрҳо дар ғазалиёти шоир шоистаи таҳсин буда, аз биниши васеи шеършиносии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад. Дар ин боб хусусияҳои сабкии ғазалиёти шоир бозкушой шуда, мавқеи аносири таъсирбахши сухан дар эҷодиёти ӯ нишон дода шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар боби 4-уми – "**Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ашур Сафар**" роҷеъ ба мавқеи саноеи бадеӣ, аз қабили тамсил, талмеҳ, ташбеҳ, истиора, муболиға, ташхис ва тафзил сухан дар миён гузошта, мавқеи санъатҳои тамсил ва талмеҳро дар тасвири сухани шоирона дар фаслҳои алоҳида баррасӣ менамояд. Дар воқеъ, абёти овардаи шоҳид ҷойгоҳи тамсил ва талмеҳро дар миёни дигар санъатҳои маънавӣ ҳаққонӣ нишон медиҳанд.

Хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 банд оварда шудаанд, ки қобили қабул ва эътимобахш мебошанд. Тавсияҳои муаллиф ҳам оид ба ҷанбаъҳои амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 6 банд воқеънигорона буда, муҳаққиқон метавонанд аз онҳо дар таълифоти илмии хеш баҳра баранд.

Дар нигориши автореферати диссертатсия муаллиф меъёрҳои навишти фишурдаи таҳқиқоти илмӣ ва талаботи услуби илмиро пурра риоя намудааст. Мақолаҳое ҳам, ки дар охири автореферат дарҷ шудаанд, бо мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия комилан мутобиқат доранд.

Дар баробари дастовардҳо, дар кор баъзе камбудҳои ҷузъӣ низ мавҷуданд, киислоҳи минбаъдаи онҳо ҳусн ва арзиши илмии таҳқиқотро бештар менамоянд. Чунончи:

1.Агар таҳқиқи мавзуъ қиёсан бо чанд тан аз шуарои ҳамасри шоир аз ҳавзаи адабии Хатлон сурат мепазируфт, он гоҳ махсусиятҳои ғазалиёти шоир бештару беҳтар зоҳир мешуданд; чун қиёс дар ин самт имкон ва заминаи бештару мусоидтареро фароҳам меорад.

2.Дар диссертатсия санъатҳои лафзӣ ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Беҳ мебуд, агар муаллифи диссертатсия фаслеро дар боби 4-ум ба ин мавзуъ мебахшид.

3. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ дар корбурди вожагони иқтибосӣ ва андешаҳои духӯра вомехӯранд. Муаллифро зарур аст, ки ба қоидаҳои навини имлои забони тоҷикӣ дар мавриди корбурди вожагони арабӣ муроҷиат намояд.

Аммо, бояд қайд кард, ки эродҳои фавқуззикр хусусияти тавсиявӣ дошта, муаллиф метавонад бо майлу хоҳиши хеш онҳоро ба эътибор бигирад. Фишурдаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо 3 забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар анҷоми автореферати диссертатсия оварда шудааст, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, асолат ва моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро инъикос менамояд. Диссертатсияи **Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна “Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар”** аз нигоҳи навоварӣ ва асолат ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор аст.

д.и.ф., дотсент, мудири кафедраи
забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Дӯстов К.А.

Имзои д.и.ф., Дӯстов К.А. - ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

Суроға:7340025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
Тел: (+992) 2247207
«15» 08 2023.